Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

22 ноябри соли 2025
Шанбе
№ 94
(15209)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ВАЗИРИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ЧИНРО ПАЗИРУФТ

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳайати намояндагонро таҳти роҳбарии узви Бюрои сиёсии Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Ҷумҳурии Мардумии Чин, мудири Девони комиссия оид ба корҳои хориҷӣ, вазири корҳои хориҷӣ Ван Иро, ки барои иштирок дар ҷамъомади навбатии Машварати стратегӣ байни роҳбарони ниҳодҳои сиёсати хориҷӣ ба мамлакати мо омадааст, пазируфт.***



Ҷанбаҳои амалии таҳкими минбаъдаи шарикии стратегии ҳамаҷонибаи байни Ўзбекистон ва Чин дар ҳама гуна шароит, инчунин густариши ҳамкориҳои бисёрсамта дар заминаи татбиқи созишҳои сатҳи олӣ баррасӣ шуданд.

Дар оғози мулоқот вазири корҳои хориҷии Чин ба роҳбари давлати мо саломи самимӣ ва таманноҳои беҳтарини Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпинро расонид.

Бо иродаи сиёсӣ ва ба туфайли талошҳои муштараки сарони ду давлат ба сатҳи бесобиқа расидани муносибатҳои дуҷониба бо қаноатмандӣ қайд гардид.

Соли гузашта ҳаҷми мубодилаи мол ба 14 миллиард доллар расид, корхонаҳои муштарак тақрибан 5 ҳазор ададро ташкил мекунад, аз аввали сол зиёда аз 15 миллиард доллар сармояҳои Чин азхуд карда шудааст. Бастаи лоиҳаҳои шарикии технологӣ ба 90 миллиард доллар наздик гардидааст.

Ба пешбурди ҳамкориҳо дар соҳаҳои технологияи баланд, энергетикаи «сабз» ва ҳастаӣ, зеҳни сунъӣ, нақлиёт, инфрасохтор, кишоварзӣ, геология, кимиё ва дигар самтҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуд.

Рабитаҳо дар ҳамаи сатҳҳо фаъол гардида, минтақаҳои ду мамлакат ҳамкории босамар менамоянд, дар бахшҳои таълим ва фарҳангӣ-гуманитарӣ мубодилаҳои пурмуҳтаво идома доранд.

Роҳбари Ўзбекистон зарурати омодагии ҳамаҷониба ба чорабиниҳои минбаъдаи сатҳи олӣ ва ғанитар сохтани ҳамкориҳои дуҷониба бо мазмуни амалии навро таъкид намуд.

Аҳамияти татбиқи фаъолонаи лоиҳаи сохтмони роҳи оҳани «Чин – Қирғизистон – Ўзбекистон» ва пайвастани он ба долонҳои дигари нақлиётӣ зикр гардид.

Ба ҳамоҳангсозии саъю талошҳо дар масъалаҳои амниятӣ ва барқарорсозии иҷтимоиву иқтисодии Афғонистон диққати махсус дода шуд. Зарурати идомаи мулоқоти наздики сиёсӣ ва ҳамкориҳо дар қолабҳои бисёрҷониба, дастгирии робитаҳои байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, инчунин пешбурди лоиҳаҳои муштарак дар мубориза бо камбизоатӣ, сайёҳӣ ва дигар бахшҳо таъкид гардид.

Ба баргузории бомуваффақияти Рўзҳои фарҳанги Чин дар Ўзбекистон дар охири моҳи ноябри соли ҷорӣ изҳори итминон намуданд.

Ҳамзамон, дар бораи масъалаҳои рўзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ мубодилаи афкор сурат гирифт.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## ПЕШНИҲОДҲО ОИД БА РУШДИ СОҲАИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ, КОРИ БОЙГОНӢ ВА ТАҲСИЛОТИ ҲУҚУҚӢ МУАРРИФӢ ШУДАНД

***21 ноябр Президент Шавкат Мирзиёев бо муаррифии пешниҳодҳо, ки ба ислоҳи соҳаҳои моликияти зеҳнӣ, кори бойгонӣ ва таҳсилоти ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд, шинос шуд.***

Солҳои охир дар соҳаи моликияти зеҳнӣ корҳои густурда амалӣ мегарданд. Дар ин самт 51 санади меъёриву ҳуқуқӣ қабул гардида, Ўзбекистон ба 8 созишномаи байналмилалӣ ҳамроҳ шуд. Ҳифзи моликияти зеҳнӣ пурзўр гардида, барои ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин самт ҷазои маъмурӣ шадидтар карда шуд ва ҷавобгарии ҷиноятӣ муайян гардид. Дар гумрук тартибу таомули «ex officio» ҷорӣ гардида, низоми нобудсозии молҳои контрафакт роҳандозӣ шуд, ҳамасола моҳонаи «Моҳи бидуни контрафакт» гузаронида мешавад.

Шумори объектҳои моликияти зеҳнӣ аз 102 ҳазор афзуда, ҳифзи онҳо ҳам барои брендҳои маҳаллӣ дар хориҷа ва ҳам барои брендҳои хориҷӣ дар бозори Ўзбекистон густариш ёфтааст. 23 нишондоди ҷуғрофии миллӣ, аз қабили нони Самарқанд, кордҳои Чуст ва адраси Марғилон ба қайд гирифта шудаанд.

Дар натиҷаи ин чорабиниҳо, мамлакатамон дар Индекси глобалии инноватсия 14 зина боло рафта, ба ҷойи 79-ум баромад.

Дар тақдимот нақшаҳои рушди минбаъдаи соҳа баррасӣ шуданд. Аз ҷумла, дар ҳамкорӣ бо Созмони ҷаҳонии моликияти зеҳнӣ таҳияи Стратегияи миллии рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ дар назар аст.

Тибқи нақша, тартиби ворид кардани тағйирот ба патент ва шаҳодатномаҳо сода карда мешавад, 5 хидмати композит ва 4 хидмати проактив роҳандозӣ мегардад.

Инчунин тартибе ҷорӣ мегардад, ки вазъи истифодаи моликияти зеҳнӣ дар рейтинги устувории субъектҳои соҳибкорӣ ба назар гирифта мешавад.

Дар тамоми муассисаҳои таълими олӣ ва илмиву тадқиқотӣ ифтитоҳи марказҳои кумакрасонӣ барои патентсозӣ, ворид ба истеҳсол кардан ва тиҷоратӣ намудани ихтироот, нахуст дар Донишгоҳи миллӣ, сипас дар 4 донишгоҳи дигар таъсиси ихтисоси «Идораи объектҳои моликияти зеҳнӣ» дар назар аст.

Пешниҳод гардид, ки бо мақсади ҳавасмандсозии эҷодкорон ва мутахассисон, ҳар сол аз рўйи 5 номинатсия озмуни «Беҳтарин объектҳои моликияти зеҳнӣ» гузаронида шавад. Таъсиси нишони сарисинагии махсуси «Барои саҳм дар рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ» ва дар 26 апрел — Рўзи ҷаҳонии моликияти зеҳнӣ супоридани он муайян гардид.

Аҳамияти таҳкими низоми нишондодҳои ҷуғрофии миллӣ баён гардид. Зарурати аз рўйхат гузаронидани тақрибан 70 нишондоди нави ҷуғрофӣ ва афзун намудани арзиш ва иқтидори содиротии маҳсулоти миллӣ тавассути пайвастан ба низоми Лиссабон таъкид карда шуд.

Зимни муҳокимаи масъалаҳо оиди таҷдиди кори архив зикр гардид, ки ҳоло дар бойгониҳои кишвар 16 миллион бастаи ҳуҷҷат, аз ҷумла 1,3 миллион ҳуҷҷати дорои арзиши вижа ва нодир нигоҳдорӣ мешавад. Ҳуҷҷатҳои Девони Қушбегии амири Бухоро ва Девонхонаи Хонигарии Хива ба феҳристи «Хотираи ҷаҳонӣ»-и ЮНЕСКО шомил шудаанд.

Бо вуҷуди ин, суръати рақамигардонии ҳуҷҷатҳо солона ҳамагӣ 2 фоизро ташкил медиҳад. Зарурати то соли 2030 то 60 дарсад расонидани сатҳи рақамигардонии фонди бойгонӣ, пурра рақамӣ кардани ҳуҷҷатҳои дорои арзиши махсус ва нодир қайд гардид.

Барои ин ҳамгироии низомҳои иттилоотии соҳа бо Системаи ягонаи иттилоотии бойгонии миллӣ, баҳисобгирии ҳуҷҷатҳо тавассути технологияи муайянкунии басомади радиоӣ (RFID) ва ҷорӣ кардани низоми пайгирии онлайн, роҳандозии технологияҳои зеҳни сунъӣ дар равандҳои тасниф ва шинохти ҳуҷҷатҳо ба нақша гирифта шудааст. Вазифаҳои бойгониҳои шаҳриву ноҳиявӣ ба садоратҳои минтақавии бойгонӣ гузаронида мешаванд.

Пешниҳоди роҳандозии низоми иттилоотии «Шаҷара» ба миён гузошта шуд. Хидмати нав ба корбарон имкон медиҳад, ки шаҷараи худро тартиб диҳанд, маълумотро дар бораи таваллуд, издивоҷ ва фавт пайдо намоянд, инчунин дар асоси маълумоти генетикӣ хешовандони дури худро ҷустуҷў кунанд.

Масъалаҳои ислоҳи минбаъдаи таълим ва фанни ҳуқуқӣ низ баррасӣ шуданд. Дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд ҷорӣ кардани таълими клиникӣ ва дуалӣ дар назар аст. Ҳиссаи дарсҳои амалии донишҷўён ба 50 фоиз расонида мешавад, дар самтҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ, ҷиноятӣ ва тиҷоратӣ клиникаҳои юридикӣ ташкил карда мешаванд. Бо назардошти талаботи ҳуқуқи муосир, самтҳои нави таълимии «Ҳуқуқи рақамӣ», «Ҳуқуқ ва идоракунии корпоративӣ» таъсис меёбанд.

Ҳамзамон, дар асоси занҷираи «таҳсилот – тадқиқот – амалиёт» таҷдиди сохтори ташкилии факултетҳо, тадриҷан ба шуъбаҳо табдил додани кафедраҳо, таъсиси Шўрои профессорони донишгоҳ пешниҳод гардид.

Дар тақдимот ба бартараф кардани холигиҳои қонунгузорӣ ва коҳиши сарбории танзимкунанда диққати махсус дода шуд.

Дар доираи ин чорабиниҳо бекор кардани қариб 800 санади меъёрие, ки аҳамият ва зарурати худро гум кардаанд, бознигарии 77 санади дигар, инчунин тавассути ихтисори беш аз 15 талаботи зиёдатии марбут ба фаъолияти соҳибкорӣ осон кардани шароити пешбурди тиҷорат ба нақша гирифта шудааст. Тавассути арзёбии самаранокии қонунҳо низоъҳои меъёрӣ ва холигиҳои ҳуқуқӣ пайваста бартараф карда мешаванд.

Президент зарурати татбиқи самараноки ташаббусҳои пешниҳодшуда ва боз ҳам беҳтар намудани натиҷабахшӣ, инчунин фароҳам овардани шароити мусоид барои аҳолӣ ва соҳибкорон дар соҳаҳои баррасишударо таъкид намуд.

**ЎзА.**

***Петер СИЙЯРТО:***

## ИМРЎЗ БИСЁР КИШВАРҲО МЕКЎШАНД МУЛОҚОТ ВА ҲАМКОРИҲОРО БО КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ТАҚВИЯТ БАХШАНД

***Дар рафти сафар ба Самарқанд, ки дар он ҷо ҷаласаи 43-юми Конференсияи генералии ЮНЕСКО баргузор гардид, вазири корҳои хориҷӣ ва савдои хориҷии Венгрия Петер Сийярто ба АИ «Дунё» мусоҳибаи махсус кард. Дар он ў дар бораи ҳамкории Венгрия бо Ўзбекистон, инчунин кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки рушди устувор нишон медиҳанд, маълумоти муфассал дод.***

**– Мо мехоҳем суҳбатро аз таассуроти шахсии Шумо оғоз кунем: бигўед, дар Венгрия симои сиёсӣ ва фарҳангии Ўзбекистон чӣ гуна қабул мешавад ва Шумо дар ин бобат чӣ назар доред?**

– Дар Венгрия Ўзбекистон ҳамеша ҳамчун кишвари бародар шинохта мешуд ва мардуми ўзбек бо ҳамин эҳсоси бародарӣ истиқбол мешуданд. Манбаъҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар замонҳои қадим венгерҳо аз Шарқ ба Ғарб кўч баста, муддате дар минтақаи шумо иқомат кардаанд. Аз ин рў, робитаҳои фарҳангӣ ва таърихӣ миёни халқҳои мо қавӣ ҳастанд.

Ин наздикӣ инчунин дар иштироки мунтазами Венгрия дар Бозиҳои ҷаҳонии кўчманчиён ва дар баҳогузории баланди мероси умумии фарҳангии мо инъикос меёбад. Мо ин муносибатҳоро хеле қадр мекунем, зеро онҳо ҳамеша бар асоси эҳтироми мутақобил ва ҳамкории судманд бунёд шудаанд. Шахсан худам, ҳукумат ва Сарвазири мо пайрави ҳамкории зич бо Ўзбекистон ба мақсади таҳким ва рушди шарикии стратегӣ мебошем.

**– Шумо ба рушди ҳамкории Ўзбекистон ва Венгрия таваҷҷуҳи зиёд доред. Дар ҳақиқат, солҳои охир муносибатҳои ду кишвар босуръат рушд доранд: барқарор шудани шарикии стратегӣ, кушода шудани Сафорати Ўзбекистон дар Будапешт ва имзои санадҳои муҳим ҳаминро тасдиқ мекунанд. Ба назари Шумо, кадом омилҳо ба чунин динамикаи мусбат замина мегузоранд? Ҳамзамон, дар доираи мулоқотҳои Шумо дар Самарқанд кадом масъалаҳо афзалиятнок ҳастанд?**

– Пеш аз ҳама, яке аз омилҳои муҳими рушди пайгирона ва ҳамкории зич байни Ўзбекистон ва Венгрия дўстии самимӣ ва робитаҳои эътимодноки роҳбарони ду кишвар мебошад. Муколамаи наздик ва эҳтироми мутақобил байни Президенти Ўзбекистон ва Сарвазири Венгрия барои муносибатҳои ду кишвар заминаи мустаҳками сиёсӣ ва гуманитарӣ фароҳам овардааст.

Ғайр аз ин, ҳар ду кишвар хуб дарк мекунанд, ки ҳамкории самаранок метавонад манфиатҳои мутақобиларо таъмин кунад. Аз ин рў, тавсеаи минбаъдаи ин муносибатҳо ва густориши онҳо ба самтҳои нав барои ҳар ду ҷониб аҳамияти калон дорад.

Бешубҳа, яке аз рўйдодҳои муҳим дар ин самт ворид шудани муассисаи пешсафи молиявии Венгрия – «OTP Bank» – ба бозори Ўзбекистон мебошад. Ин на танҳо оғози марҳалаи нави шарикии иқтисодиро нишон дод, балки дар амал исбот кард, ки фазои сармоягузорӣ дар Ўзбекистон барои ширкатҳои венгерӣ устувор ва боэътимод аст. Ҳамзамон, дигар ширкатҳои венгерӣ низ ба иқтисоди Ўзбекистон таваҷҷуҳи афзоянда зоҳир мекунанд.

Айни ҳол гуфтушунидҳои фаъол оид ба густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика ва кишоварзӣ, инчунин таҳкими робитаҳо дар соҳаи таҳсилоти олӣ идома доранд. Аз ҷумла, ҳукумати Венгрия ҳамасола барои таҳсил дар донишгоҳҳои худ ба донишҷўёни ўзбек 200 гранти давлатӣ ҷудо мекунад.

Инчунин музокирот оид ба ҷалби технологияҳои венгерӣ ба лоиҳаҳои соҳаи энергетикаи атомии Ўзбекистон идома дорад. Имкониятҳои тавсеаи иштироки ширкатҳои венгерӣ дар соҳаҳои кимиё ва фармасевтика низ омўхта мешаванд.

(Давомаш дар саҳ.2).

## ПРЕЗИДЕНТИ БРО:
## ТАМОЮЛИ УСТУВОРИИ ҚАДРИ ИНСОН, КИ ДАР СТРАТЕГИЯИ «ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ – 2030» МУАЙЯН ШУДААСТ, БА ФАЛСАФАИ РУШДИ МО ПУРРА МУВОФИҚ АСТ

***Дар ин рўзҳо ҳайати Бонки рушди Осиё (БРО) таҳти роҳбарии президенти он Масато Кандэ аз Ўзбекистон боздид намуд. Дар рафти сафар мулоқоти ў бо Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев баргузор гардид, ки дар он дурнамои густариши ҳамкории минбаъда бо БРО мавриди баррасӣ қарор гирифт.***
***Дар мусоҳибаи махсус бо АИ «Дунё» Масато Кандэ ба динамикаи ислоҳот ва тағйирот, ки дар Ўзбекистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ ҷараён доранд, баҳои баланд дод.***

**— Имсол 30-солагии ҳамкории БРО ва Ўзбекистон таҷлил мешавад. Ба назари Шумо ин шарикӣ имрўз дар кадом сатҳ қарор дорад ва кадом марҳилаҳои муҳим дар давоми се даҳсола бештар ба рушди кишвари мо таъсир гузоштанд?**

— Бале, ин марҳилаи хеле муҳим аст. Дар 30 соли охир мо ба Ўзбекистон барои татбиқи 118 лоиҳа зиёда аз 15 миллиард доллар ҷудо намудем. Ин лоиҳаҳо тамоми самтҳои стратегӣ — инфрасохтор, энергетика, нақлиёт, ислоҳоти корхонаву ташкилотҳои давлатӣ ва рушди сармояи инсониро дар бар мегиранд.

(Давомаш дар саҳ.2).

*Шароити табиии иқлим, таҷрибаи калони ҳаётии фидоиёни соҳа барои рушди замонавии самти чорводорӣ дар ноҳияи Ёзёвон, ки дар ҳудуди Фарғонаи марказӣ ҷойгир аст, мусоидат менамояд.*

*Алҳол дар ноҳия 32 хоҷагии фермерии ба чорвопарварӣ ихтисосонида фаъолият дорад. 8-тои онро хоҷагии наслгирӣ ташкил медиҳад. Дар хоҷагиҳои фермерӣ қариб 5 ҳазор, дар хонадони аҳолӣ 34, 6 ҳазор сар гов парвариш меёбанд. Ин буд, ки солҳои охир бо афзудани молҳои парвоӣ таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти босифати гўшт ва шир бештар мегардад. Рўзҳои наздик ин ҷо корхонаи коркарди шир ба фаъолият шурўъ менамояд ва навъи маҳсулот зиёд шуда, ба 10 нафар ҷойи кор фароҳам оварда мешавад.*

***Дар сурат:** дар хоҷагии фермерии «У. Ҷалилов».*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***



# ПРЕЗИДЕНТИ БРО: ТАМОЮЛИ УСТУВОРИИ ҚАДРИ ИНСОН, КИ ДАР СТРАТЕГИЯИ «ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ – 2030» МУАЙЯН ШУДААСТ, БА ФАЛСАФАИ РУШДИ МО ПУРРА МУВОФИҚ АСТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Аз ҷумла, лоиҳаи ба наздикӣ дар соҳаи энергетикаи офтобӣ ва нигоҳдории энергия ба маблағи 1,2 миллиард доллар имзошуда аҳамияти махсус дорад. 1000 мегаватт иқтидор — ин энергияи тоза барои 600 ҳазор хонавода аст. Ин тарҳ ба он мусоидат мекунад, ки Ўзбекистон дар соҳаи энергетикаи сабз ба пешсафи минтақа табдил ёбад. Мо аз ҳамкории худ бо Ҳукумати Ўзбекистон, ки ба беҳбуди ҳаёти аҳолӣ, махсусан табақаҳои эҳтиёҷманд равона шудааст, ифтихор мекунем.

**— Имрӯз дар Ўзбекистон ислоҳоти ҳаётан муҳим дар самти коҳиши камбизоатӣ, васеъсозии имкониятҳои бахши хусусӣ ва рушди инфрасохтори рақамӣ амалӣ мегарданд. Шумо натиҷаҳои ин равандро чӣ гуна арзёбӣ мекунед? БРО дар амал чӣ гуна аз ин трансформатсияи бузург пуштибонӣ мекунад?**

— Сиёсати ислоҳотии Ўзбекистон хеле равшан аст — манфиатҳои инсон дар ҷои аввал. Тамоюли устувории шаъну шарафи инсон, ки дар стратегия «Ўзбекистони Нав – 2030» муайян шудааст, пурра ба фалсафаи рушди мо мувофиқ аст. Мо бо камоли майл аз ислоҳот барои коҳиши камбизоатӣ, такмили ҳифзи иҷтимоӣ, модернизатсияи иқтисод ва рушди дарозмуддат пуштибонӣ мекунем.

Ба рушди бахши хусусӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шудааст — ин яке аз самтҳои калидист. Мо бо Ўзбекистон дар ислоҳоти корхонаҳои давлатӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорӣ ва густариши лоиҳаҳои шарикӣ миёни давлат ва бахши хусусӣ фаъолона кор мекунем. Ин ислоҳот рушди устувори иқтисоди кишварро таъмин менамояд.

**— БРО дар таҳкими ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ нақши муҳим мебозад. Ўзбекистон чӣ гуна ба ташаббусҳои бузурге ба монанди CAREC саҳм мегузорад ва дар кадом соҳаҳои калидӣ кишвар аз ин барномаҳо бештар манфиат мегирад?**

— Ин хеле муҳим аст. Ҳамгироӣ имкониятҳои иқтисодиро васеъ мекунад, дастрасиро ба бозорҳо осон мегардонад, хароҷоти логистикиро коҳиш медиҳад ва эътимоди байни кишварҳои ҳамсояро тақвият мебахшад.

Ўзбекистон дар ин барнома фаъолона иштирок мекунад. Ин на танҳо ба рушди инфрасохтори автомобилӣ ва роҳи оҳан, балки ба ташаббусҳои муҳими дигар, аз ҷумла соддасозии расмиёти тиҷоратӣ, рақамисозии низоми гумрук ва «долони энергетикаи сабз» низ дахл дорад. Ҳадафҳои Ўзбекистон дар самти роҳбарии минтақавӣ барои мо низ илҳомбахшанд.

**— Ўзбекистон барои узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) фаъолона кор пеш мебарад. Раванди пайвастан ба СУС марҳилаи нави ҳамкорӣ бо БРО-ро чӣ гуна ташаккул медиҳад ва кадом самтҳо дар оянда афзалият доранд?**

— Мо саъю кӯшишҳои ҷиддии Ўзбекистонро барои узвият дар СУС комилан ҷонибдорӣ мекунем. Ин раванд ба ҳамгироии амиқи кишвар ба иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. БРО минбаъд низ оид ба такмили сиёсати тиҷоратӣ, мутобиқсозии расмиёти гумрук, фароҳам овардани имтиёзҳои тиҷоратӣ ва рушди низоми стандарту сертификатсия кумаки техникӣ ва институтсионалӣ мерасонад. Иқтидори рақамӣ ва захираҳои инсонӣ низ қисми ҷудонашавандаи ин раванд мебошанд.

Дар ин замина мехоҳам хабари муҳимеро расонам: соли оянда ҷаласаи солонаи БРО дар шаҳри Самарқанд баргузор мегардад. Ин аз минбарҳои бонуфузи байналмилалист, ки вазирони молияи кишварҳои пешрафта, роҳбарони бонкҳои марказӣ, коршиносон ва намояндагони доираҳои соҳибкориро гирдиҳам меорад. Ин чорабинӣ ба Ўзбекистон имконият медиҳад, ки дастовардҳои худро нишон диҳад ва нақшаҳои стратегиро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намояд.

**— Ташаккур, ҷаноби Кандэ, барои суҳбати пурмуҳтаво.**

— Сипосгузорам.

*Дар шаҳри Бухоро бинобар ба соҳибкорӣ ҷалб намудани бонувон ва ба шуғл фаро гирифтани онҳо даҳҳо нафар занон ҳунари худро ба манбаи даромад табдил додаанд.*

*Дар маҳаллаи Истиқлол дӯзандагӣ, хидматрасонӣ ва тиҷорат барин самтҳо ривоҷ ёфтааст. Истиқоматкунандаи ҳамин маҳалла Фарида Рӯзиева, ки зани ҳунарманд аст, дар ҷамъият соҳиби мавқеъ мебошад.*

*Ин дӯзандаи бомаҳорат бо кӯмаки маҳалла 33 миллион сўм кредити имтиёзнок гирифта, барои ташкил намудани сехи дӯзандагӣ сарф кард.*

*Меҳнати ӯ барои дигар занҳои маҳалла низ дари даромадҳоро кушод. Чунончи, 3 нафар занону духтарон ба шуғл таъмин шуданд. Фоидаи софи моҳонаи Феридаи дӯзанда 6 миллион сўмро ташкил менамояд.*

***Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Бухоро.***



Петер СИЙЯРТО:

# ИМРӮЗ БИСЁР КИШВАРҲО МЕКӮШАНД МУЛОҚОТ ВА ҲАМКОРИҲОРО БО КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ТАҚВИЯТ БАХШАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ба ибораи дигар, равобити ду кишвар имрӯз дар як самти хеле фаъол ва дорои дурнамои бузург рушд доранд. Мо итминон дорем, ки дар оянда ин ҳамкорӣ боз ҳам қавитар ва самарабахштар мегардад.

**– Мо медонем, ки ҳамкории иқтисодӣ яке аз самтҳои муҳими муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Ўзбекистон ва Венгрия бобати ба сатҳи нав баровардани ҳамкорӣ дар ин соҳа пайгирона кор мебаранд ва дипломатияи иқтисодӣ имрӯз ба яке аз самтҳои авлавиятдори ҳамкории ду кишвар табдил ёфтааст. Шумо низ дар ҷараёни гуфтушунидҳо потенсиали бузурги ин самтро таъкид карда будед, ҳамин тавр нест?**

– Дар ҳақиқат, шумо нуқтаи муҳимеро қайд кардед. Имрӯз робитаҳои Ўзбекистон ва Венгрия бо суръате таҳаввул меёбанд, ки дар таърихи онҳо бесобиқа аст. Айни замон ҳаҷми савдо ба сатҳи рекордӣ расидааст, ки ин аз баромадани ҳамкорӣ ба марҳилаи нави мазмунӣ шаҳодат медиҳад.

Соли гузашта Венгрия стратегияи амалӣ ва прагматии сиёсати хориҷии худро қабул кард. Дар маркази ин стратегия, пеш аз ҳама, манфиатҳои иқтисодӣ ва принсипи ҳамкории мутақобилан судманд қарор доранд. Мо таҳкими муносибатҳои дӯстонаро тавассути робитаҳои устувори иқтисодӣ афзалиятнок мешуморем.

Яке аз қадамҳои муҳим дар ин самт расидан ба созиш оид ба таъсиси минтақаи махсуси сармоягузорӣ барои ширкатҳои венгерӣ дар наздикии Тошканд мебошад. Ин ташаббус барои сармоягузорони венгерӣ дар Ўзбекистон имкониятҳои навро мекушояд ва ҳамзамон нақши пулеро мебозад, ки иқтисодиёти ду кишварро ба ҳам мепайвандад. Илова бар ин, ҳамкорӣ дар соҳаҳои муҳими энергетика, саноати хӯрокворӣ ва кишоварзӣ босуръат рушд мекунад. Шарикӣ дар ин самтҳо на танҳо манфиатҳои иқтисодӣ, балки мубодилаи технология ва таҷрибаро низ дар бар мегирад.

Дар Венгрия мо ҳамеша Осиёи Марказиро яке аз минтақаҳои тез рушдёбандаи ҷаҳон бо иқтидори бузург медонистем. Кӯшишҳои мо барои барқарор кардани ин робитаҳо имрӯз оғоз нашудаанд – ин раванд даҳсолаҳо қабл оғоз ёфта буд.

– Он замон бархе аз сиёсатмадорони аврупоӣ ба стратегияи Венгрия оид ба ҳамкории зичтар бо Осиёи Марказӣ бо шубҳа менигаристанд ва ба самаранокии он бовар намекарданд. Онҳо аксаран чунин мегуфтанд: «Чаро Венгрия кӯшиш мекунад, ки бо кишварҳое ҳамкорӣ кунад, ки ҳанӯз дар ҳоли рушд ҳастанд ва дар шароити душвори сиёсиву иқтисодӣ қарор доранд?»

Аммо вақт нишон дод — имрӯз ҳамин кишварҳо фаъолона мекӯшанд бо Осиёи Марказӣ муколама роҳандозӣ кунанд ва ҳамкориро бо роҳбарони минтақа таҳким бахшанд.

Ин вазъият на танҳо дурустии қарори стратегиро тасдиқ мекунад, балки дурнамо ва арзиши баланди муносибати Венгрияро дар муносибат бо Осиёи Марказӣ нишон дод. Имрӯз ин самти сиёсӣ на танҳо барои Венгрия, балки барои тамоми Аврупо аҳамияти калон дорад.

**– Айни замон Ўзбекистон ва Венгрия ба рушди на танҳо ҳамкориҳои дуҷониба, балки таҳкими робитаҳои байниминтақавӣ дар доираи Осиёи Марказӣ ва Аврупо таваҷҷуҳи махсус медиҳанд. Аз ин нуқтаи назар, ба нақши стратегӣ ва ҷойгоҳи Ўзбекистон дар Осиёи Марказӣ, инчунин мавқеи Венгрия дар фазои ҷамъиятӣ-сиёсии Аврупо чӣ гуна баҳо медиҳед?**

– Ман бар он ақидаам, ки ин ҳамкорӣ байни Аврупо ва Осиёи Марказӣ пули устуvoреро месозад. Қисми назарраси иқтисоди Аврупо ба ҳиссаи кишварҳои Аврупои Марказӣ рост меояд.

Иқтисодиёти Аврупо низ босуръат рақобатпазирии худро боло мебаранд, ки ин ба тамоюлҳои рушди иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ мувофиқ аст. Аз ин рӯ, чуқур ва мустаҳкам шудани робитаҳо байни ин ду минтақа на танҳо аҳамияти стратегӣ дорад, балки барои амалӣ намудани манфиатҳои иқтисодии тарафҳо низ муҳим аст. Наздик шудани ин муносибатҳо барои татбиқи лоиҳаҳои мутақобилан судманд ва эҷоди имкониятҳои нав дар оянда заминаи муҳим фароҳам меорад.

**– Саволи дигар: ба назари Шумо, чӣ боиси таҳкими эътимоди минтақавӣ ва байналмилалӣ бо Ўзбекистон мегардад? Ин эътимод бар чӣ асос дорад?**

– Дар замони глобалии имрӯз сулҳ, субот ва ҳалли дипломатии масъалаҳо арзишҳои муҳимтаринанд. Ҷангҳо, таҳдиди терроризм ва низоъҳои минтақавӣ хавфҳоро дар ҷаҳон афзоиш медиҳанд. Аз ин рӯ, кишварҳое, ки мекӯшанд мушкилотро тавассути гуфтушунид ва муколама ҳал кунанд, аз ҷумла Ўзбекистон, дар таъмини субот нақши муҳим доранд.

Мавқеи осоиштаи Ўзбекистон ба мавқеи Венгрия ҳамоҳанг буда, нишон медиҳад, ки ҳар ду кишвар ҷонибдори субот ва дипломатия дар сатҳи байналмилалӣ мебошанд. Метавон таъкид кард, ки ягона роҳи ҳалли ҷангҳо ва низоъҳо – дипломатия ва муколама аст ва саҳми Ўзбекистон дар пуштибонии сулҳ аҳамияти бузург дорад.

**– Сипосгузорем, ки вақти пурқимати худро дареғ надоштед. Ба шумо сиҳатмандии комил орзумандам!**

– Ман низ барои суҳбати пурмуҳтаво самимона изҳори сипос мекунам.

***Дар солҳои охир тамоми механизми назорати замин мувофиқи талаботи замон навсозӣ шудааст. Дар натиҷа, системаи иттилотии «E-Yer nazorat» ба кор андохта шуд, ки на танҳо як воситаи назорат, балки як платформаи пуриқтидори рақамӣ буда, волоияти қонунро таъмин мекунад.***

# АРЗЁБИИ ОММАВИИ АМВОЛИ ҒАЙРИМАНҚУЛ – КАФОЛАТИ НАРХИ ОДИЛОНА

Сохтор бо системаҳои иттилоотии ба монанди «E-mamuriyish», «E-XSUD», «Adolat», «UzCard», «My.mehnat», «Soliq.uz», «Space Gov Monitoring»,«Personal malumotlar», «ONE ID», «Gibrid pochta» муттаҳид шудааст. Ин раванди мубодилаи электронии маълумот байни шуъбаҳоро суръат бахшид ва таъсири омили инсониро коҳиш дод. Барномаи махсуси мобилӣ ба нозирон имкон дод, ки қонуншиканиҳоро дар ҷойи худ сабт кунанд.

Дар нишасти матбуотие, ки дар Маркази матбуоти миллӣ бо иштироки намояндагони Агентии кадастр ва васоити ахбори оммавӣ доир гардид, масъулони агентӣ оиди «Корҳое, ки дар соҳаи арзёбии оммавии амволи ғайриманқул ва назорати замин ва кадастр» анҷом дода шудаанд, ба таври муфассал гузориш доданд.

Тавре роҳбари шуъбаи назорати замини Агентии кадастр Ўткир Сафаров таъкид кард, дар тӯли 10 моҳи аввали соли ҷорӣ 52 619 ҳолати худсарона ишғол намудани 4 400,6 гектар замин ошкоргардидааст. Аз ин шумора 37174 ҳолати қонуншикании ошкоршуда ба таври ихтиёрӣ бартараф карда шуд.

Дар самти арзёбии оммавии амволи ғайриманқул 5 марти соли ҷорӣ Фармони Президент «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми арзёбии амволи ғайриманқул» қабул карда шуд. Ин фармон қадами муҳим дар ташаккули низоми арзёбии одилона ва шаффоф буд, ки ба арзиши бозории объектҳои амволи ғайриманқул наздик аст.

Дар доираи татбиқи фармон, дар назди Агентии кадастр Маркази миллии арзёбии оммавии амволи ғайриманқул таъсис дода шуд. Арзёбии оммавӣ марҳила ба марҳила дар минтақаҳо анҷом дода мешавад: солҳои 2025-2026 дар шаҳри Тошканд ҳамчун таҷриба, солҳои 2026-2027 дар шаҳри Нукус ва маркази вилоятҳо, аз соли 2027 дар ҳамаи минтақаҳои боқимонда.

Инчунин дар чорабинӣ қайд карда шуд, ки арзёбии оммавӣ, ки аз ҷониби зиёда аз 140 кишвар истифода мешавад, раванди гурӯҳбандии амвол бо хусусиятҳои монанд ва муайян кардани арзиши тақрибии бозории онҳо дар асоси арзиши як метри мураббаъ мебошад.

Раванди арзёбӣ чӣ гуна анҷом дода мешавад? Маълумоти зарурӣ ва таҳлили бозор ҷамъоварӣ карда мешавад. Ҳудудҳо ба минтақаҳои нарх тақсим карда мешаванд. Коэффисентҳои омилҳои ташаккулдиҳандаи нарх, арзиши бозории объектҳо муайян ва натиҷаҳо тасдиқ карда мешаванд. Маълумот дар вебсайти расмии агентӣ нашр мегардад. Соҳибон метавонанд бо ворид кардани рақами кадастрӣ бо арзиши объектҳои худ шинос шаванд.

Арзёбии оммавӣ тафовутҳои шадидро дар арзиши амволи ғайриманқул бартараф мекунад ва арзиши ягонаро ташкил медиҳад. Ҳолатҳои афзоиши сунъӣ ва ё пастшавии нархҳоро кам карда, барои одилона муайян кардани арзиши гарав мусоидат мекунад. Раванди ҷуброни амволро барои эҳтиёҷоти давлатӣ мусоидира мекунад ва маълумоти боэътимодро дар бораи ҷолибияти сармоягузории қаламравҳо пешниҳод мекунад.

Аз ин рӯ, дар ҷараёни ислоҳот дар мамлакатамон танзими бозори амволи ғайриманқул ва таъмини шаффофияти он яке аз самтҳои муҳим боқӣ мемонад.

**М. МАМАҶОНОВА, хабарнигори «Овози тоҷик».**

# КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАРГУЗОР ШУД

***Сохтори минтақавии зиддитеррористии Созмони Ҳамкории Шанхай дар шаҳри Тошканд таҳти унвони «Пешгирии паҳншавии терроризм, ҷудоихоҳӣ ва экстремизм: бартараф кардани сабабҳои аслӣ» конфронси 11-уми байналмилалии худро баргузор намуд. Иштирокчиёни он дастаҷамъона роҳҳои пешгирии ҷалби шаҳрвандон ба шабакаҳои радикалӣ, амнияти киберӣ ва меъмории нави Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ-ро баррасӣ карданд.***

Дар конфронс намояндагони СММ, САҲА, Интерпол, Маркази зиддитеррористии ИДМ ва СПАД иштирок карданд.

Тавре ки Уларбек Шаршеев, директори Кумитаи иҷроияи СҲШ, қабл аз баргузории конфронс ба хабарнигорон гуфт, ин ҷо на муқовимат ба ҳамлаҳои террористие баррасӣ хоҳанд шуд, ки аллакай рух додаанд, балки чораҳо барои пешгирии ҳамлаҳои террористӣ ва пешгирии ҷалби шаҳрвандон, бахусус ҷавонон, ба созмонҳои террористӣ дар меҳвари баҳсу баррасиҳо қарор хоҳанд гирифт.

– Роҳи радикализмро аксар вақт одамоне интихоб мекунанд, ки ҳеҷ гоҳ аз камбизоатии моддӣ ё маргинализатсияи иҷтимоӣ азият накашидаанд, – гуфт У. Шаршеев.

Ба гуфтаи Шаршеев гурӯҳҳои террористии байналмилалӣ дар Афғонистон ва Сурия фаъолтар шудаанд ва дар ҷустуҷӯи таъсиси «ҳуҷайраҳои хоб» дар кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошанд.

Евгений Сисоев, раҳбари Сохтори минтақавии зиддитеррори СҲШ, раиси Маркази зиддитеррористии ИДМ, иброз дошт, ки созмонҳои террористии байналмилалӣ дар Ховари Миёна интиқоли ҷангиёнро ба Афғонистон барои афзоиши нуфузи худ дар минтақа афзоиш додаанд.

– Барои амалӣ намудани мақсадҳои ғаразноки худ онҳо таблиғоти фаъоли онлайнро бо забонҳои тоҷикӣ, қирғизӣ, узбекӣ, қазоқӣ оғоз кардаанд, – қайд кард ӯ.

Масъалаи мубориза бо терроризм дар фазои киберӣ аз мавзӯъҳои суҳбати иштирокчиёни конфронс буд. Созмонҳои террористӣ ба шароити нав мутобиқ мешаванд, аз фазои киберӣ, молиявӣ ва муҳоҷират фаъолона истифода мебаранд, ҷавононро тавассути интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба фаъолиятҳои экстремистӣ ҷалб мекунанд. Гуфта шуд, ки саҳми криптовалюта дар маблағгузории гурӯҳҳои экстремистӣ низ афзоиш меёбад.

Иштирокчиёни ҳамоиш таъсиси Маркази универсалии мубориза бо чолишҳо ва таҳдидҳои амниятӣ барои кишварҳои узви СҲШ дар Тошкандро ҳамчун посухи амалӣ ба таҳдидҳои афзоянда тавсиф карданд. Маълум шуд, ки ташаббуси таъсиси он, ки аз ҷониби Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дастгирӣ шудааст, дар нишасти моҳи сентябри СҲШ дар Сянсзин расман эълон гардидааст.

Қазоқистон пешниҳод намуд, ки Маркази амнияти иттилоотии СҲШ дар доираи Маркази универсалӣ таъсис дода шавад. Ғайр аз ин, таъсиси сохтори мубориза бо ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ дар Бишкек ҳамчун як бахши минтақавии маркази нав барномарезӣ шудааст.

Сюй Чуангун, муовини директори Департаменти мубориза бо терроризми Вазорати амнияти ҷамъиятии Чин, даъват кард, ки ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва амният бояд идома дода шавад. Ин суръат бахшидан барои тағйирот ба ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ дар сохтори навшудаи СМЗТ-ро дар бар мегирад.

Конфронс доир ба масъалаҳои «Ҳамкории байналмилалии зиддитеррористӣ», «Таҷрибаи миллӣ дар мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм», «Мушкилоти дерадикализатсия ва ҳифзи насли ҷавон аз таъсири манфии идеологияҳои харобиовар» ва амсоли он табодули назар сурат гирифт. Ҳадафи асосӣ муборизаи беамон бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм ё ифротгароӣ мебошад ва он муборизаи дастаҷамъонаро талаб мекунад.

**Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири «Овози тоҷик».**

*Қарор ва иҷро*

# МЕҲНАТ ОВАРАД ҲАМ БАРАКАТ, ҲАМ ОСОИШ

Бо мақсади ривоҷу равнақи шаҳр ва вилоятҳо, таҳкими самаранокии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, инчунин беҳбудии сатҳи зиндагии мардум, Сарвари давлат фармону қарорҳои созанда қабул менамояд. Яке аз чунин иқдомҳои муҳим қарори Президент аз 7 августи соли ҷорӣ «Дар бораи чораҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Самарқанд то соли 2030» мебошад.

Боиси хушнудист, ки ҷамъбасти 9 моҳи соли равон ҳаҷми маҳсулоти умумии ҳудудӣ ба 87,5 триллион сўм расида, суръати афзоиш 107,7 фоизро ташкил дод. Қисми асосии маблағҳои буҷавӣ ба ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ равона гардидааст.

Бар асоси қарори Президент дар вилояти Самарқанд ҷиҳати густариши соҳаҳои иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ корҳои сохтмонӣ ва лоиҳаҳои инвеститсионӣ босуръат ҷараён доранд. Имсол бо ҷалби сармоягузорони хориҷӣ дар ҳаҷми 8,5 миллиард доллар як қатор лоиҳаҳои бузург амалӣ мешаванд.

Бо ин мақсад, дар мавзеи Чимбойободи ноҳияи Пастдарғам дар тасарруфи минтақаи озоди иқтисодии Ургут Минтақаи махсуси саноатии «Пастдарғам» ташкил гардид.

Сайёҳӣ яке аз самтҳои калидии рушди иқтисодӣ ба шумор меравад. Барои истироҳат ва фароғати меҳмонони хориҷӣ ва дохилӣ дар соҳили рӯди Дарғам, ки ҳудудҳои ноҳияҳои Ургут, Тайлоқ, Самарқанд ва Пастдарғамро мепайвандад, дар масофаи 35,7 километр инфрасохтори сайёҳӣ бунёд мешавад. Дар ин минтақа биноҳои савдо, фароғатӣ ва марказҳои хизматрасонӣ бо шароити мусоид сохта мешаванд. Барои ин лоиҳа 500 миллиард сўм сармоя равона шудааст.

Мардум мегӯянд, ки «Нисфи умратро фурӯш, гови ҷӯшоӣ бихар; боз нисфи дигарро фурӯш, рӯшноӣ бигир». Мувофиқи ҳамин зарбулмасал, дар вилояти Самарқанд бо маблағҳои Бонки тараққиёти Абу Дабӣ сохтмони нерӯгоҳҳои нави барқи обӣ оғоз ёфт.

Дар шаҳру ноҳияҳо трансформаторҳои кӯҳна таъмиру иваз ва таҷҳизоти иловагӣ насб карда шуданд. Ин ҳама бо назардошти он аст, ки дар фасли зимистон талаботи мардум ба нерӯи барқ афзоиш меёбад.

— Иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев одати хубе доранд, – мегӯяд сардори шӯъбаи таъминоти барқи ноҳияи Самарқанд Асқар Тоҳиров. – Ногаҳонӣ ба идораҳо омада, бо фаъолияти онҳо шинос мешаванд. Вақте ба корхонаи мо ташриф оварданд, чанд мушкили ҷиддӣ арзи вуҷуд дошт, ки бо дахолати эшон ҳал карда шуд.

Дар тӯли 9 моҳи соли ҷорӣ дар вилояти Самарқанд 632 ҳазор тонна картошка, 1,4 миллион тонна сабзавот, 112,9 ҳазор тонна маҳсулоти полизӣ, 567,2 ҳазор тонна ангур, 245 ҳазор тонна гўшт, 1,1 миллион тонна шир, 1,2 миллиард дона тухм истеҳсол шудааст. Ҳамаи ин дар муқоиса бо соли гузашта 10–12 фоиз зиёд мебошад.

Соли ҷорӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротии вилоят корҳои муҳим анҷом дода шуданд. То имрӯз дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёт 204 лоиҳа амалӣ гардида, беш аз 1 миллиард доллар сармоягузории хориҷӣ аз худ карда шудааст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд**




## ҒОЛИБОНИ ОЗМУНИ «АЗ ПАИ ҶАДИДОН» МУАЙЯН ШУДАНД

Дар ин озмун 26 нафар ғолибони зинаҳои минтақавӣ вилояти Бухоро аз рӯйи се шарт бо ҳам қувваозмоӣ карданд. Бинобар натиҷаҳои ниҳоӣ дар байни синфҳои 6-8 талабаи мактаби таълими умумии ноҳияи Бухоро Муҳаммадалӣ Холиқов, байни иштирокдорони тоифаи синфҳои 9-11 хонандаи мактаби таҳсилоти умумии ноҳияи Вобканд Азиза Туробова ғолиб баромада, соҳиби роҳхати марҳалаи ҷумҳуриявии озмун гардиданд.

**А. АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ХОДИМОНИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ МАСЪУЛИЯТРО БЕШТАР ЭҲСОС ХОҲАНД КАРД

***Ман дар Беморхонаи марказии ноҳияи Сӯх фаъолият мекунам. Пас аз хатми Донишкадаи тиббии Самарқанд зиёда аз чиҳил соли умри худро барои барқарор кардани саломатии мардум бахшидаам. Дар ин мақола хостам таассуроти худро аз суханронии Президенти кишвар Шавкат Мирзиёев дар толори Донишгоҳи давлатии тиббии Тошканд мухтасар баён кунам. Ростӣ, ҳисси ифтихорам боло гирифт, ки дар чунин кишваре кору зиндагӣ мекунам, ки роҳбаре солору бохирад дорад.***

Дарвоқеъ, роҳбари давлатамон дар баробари соҳаҳои дигар доир ба беҳбуди шароити ходимони соҳаи тандурустӣ ҳарфҳои зиёд гуфт. Чунин ғамхорӣ ва таваҷҷӯҳ нисбати пизишкону ҳамшираҳои шафқат хобу хаёлеро мемонад, ки назирашро натанҳо устодон, ҳатто ману ҳамкоронам надидаву нашунидаанд. Ин ҳаргиз муҳобот нест!

Президенти мамлакат аз кормандони тиб тақозо намуд, ки пеш аз ҳама барои коҳиши шумораи беморон неру, дониш ва маҳорати худро равона созанд, ба ноҳияҳои дурдаст рафта, аз вазъи саломатии мардум огоҳ шаванд ва ба онҳо кумаки тиббии саривақтӣ расонанд. Ҳатто пешниҳод карданд, ки пизишкон то як моҳ дар чунин минтақаҳо фаъолият кунанд, сабабҳои бемориҳоро биомӯзанд, роҳҳои ҳалли онҳоро пайдо намоянд ва табибони беморхонаҳои ноҳияиву клиникаҳои оилавиро барои кӯмак ҷалб созанд.

То имрӯз дар шаҳру ноҳияҳо аксаран ҳокимон, прокуророн, сардорони идораҳои дохилӣ ва намояндагони вазоратҳо қабули сайёр мегузарониданд. Вале хеле кам иттифоқ афтодааст, ки дар чунин қабули шаҳрвандон кормандони соҳаи тиб низ иштирок карда, ба саволҳои мардум посух гӯянд.

«Аз ин ба баъд қабули ҳаррӯзаи мудирони шифохонаҳои минтақавӣ ва ноҳиявӣ дар маҳаллаҳо баргузор мешаванд. Сипас бо мардум муколама сурат мегирад, мардуми мо аз ин кор розӣ мешаванд, худашон ба низоми тиббӣ баҳои объективӣ медиҳанд», гуфтани роҳбари давлат шаҳодат бар он аст, ки акнун навбати қабул ба дӯши кормандони соҳаи тандурустӣ низ хоҳад гузашт. Интизор меравад, ки минбаъд беморон аз рустоҳои дурдаст вақти зиёди худро сарф карда ба маркази ноҳия ва вилоят рафта намеоянд ва дар маҳали худ аз хидмати пизишкон баҳраманд мешаванд.

Сарвари давлат бамаврид таъкид намуданд, ки роҳбарони муассисаҳои тиббӣ бояд як бор худро ба ҷойи бемор монанд. Зеро бемор маҷбур аст аз як дар ба дари дигар, аз як ошёна ба ошёнаи дигар, аз як бино ба бинои дигар гузарад, то рентген кунад, аз УЗИ гузарад ва муоинаҳои заруриро анҷом диҳад. Ин раванди пурмашаққатро танҳо шахсе дарк мекунад, ки онро шахсан аз сар гузаронидааст.

Аз ин рӯ, Президент таъкид карданд, ки ҳар як мудир ва сартабиби муассисаҳои тиббӣ бояд ба бемор диққати ҷиддӣ диҳад, барои анҷоми фаврии муоинаву табобат шароити мусоид фароҳам орад. Чунки пешгирии беморӣ аз табобати он осонтар ва камхарҷтар аст.

Дар ноҳияи мо низ, мисли дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, сартабиб бисёр вақт ба корҳои маъмурӣ ва хоҷагӣ машғул мешавад. Дар ҳоле ки вазифаи асосии ӯ бояд роҳнамоӣ ба пизишкони ҷавон, мувофиқсозии табобат ва нигоҳубини беморон бошад. Бисёр вақт сартабиб барои ҳаллу фасли мушкилоти кормандон ба маркази вилоят меравад ва аз иҷрои вазифаҳои асосии худ мемонад.

Бар асоси тартиботи нав, ки бо супориши Президенти мамлакат ҷорӣ мегардад, вазифаҳои роҳбар ва сартабиб дар тамоми муассисаҳои тиббӣ ҷудо карда мешаванд. Гуфта мешавад, ки роҳбарони муассисаҳои тиббӣ аз ҳисоби соҳибкорони дорои таҷрибаи хуби менеҷмент таъин мегарданд. Ин иқдом метавонад роҳи ҳалли бисёр масъалаҳои солҳои зиёд ҷамъшударо осон гардонад.

Президенти мамлакат изҳор доштанд, ки роҳбарони беҳтарини шуъбаҳои тандурустии минтақавӣ, клиникаҳои оилавӣ ва муассисаҳои тиббӣ, ки усулҳои нави табобатро ҷорӣ намуда, таъмини доруворио самаранок танзим кардаанд, кормандони босалоҳиятро ҷалб кардаанд, муҳити солим ва хидматрасонии босифатро фароҳам овардаанд ва рақамикунонии пурраро ба роҳ мондаанд, бо унвони «Корманди шоистаи тибби Ӯзбекистон», ордену медалҳо ва мукофоти пулӣ ба маблағи 30 миллион сӯм қадр карда мешаванд.

Ғайр аз ин, роҳбарони шуъбаҳои тандурустии ноҳияҳо ва клиникаҳои оилавии ду ноҳияи беҳтарин барои омӯзиши менеҷмент ба кишварҳои пешрафта — ИМА, Олмон, Британияи Кабир, Корея ва Туркия фиристода мешаванд.

Ҳамчунин директорони марказҳо ва мудирони он филиалҳое, ки протоколҳои клиникиро мутобиқ ба таҷрибаи пешрафта нав кардаанд, усулҳои табобати навро ҷорӣ намудаанд, ширкатҳои боэътимодро аз хориҷа ҷалб кардаанд, марказҳоро бо таҷҳизоти муосир ва лабораторияҳои замонавӣ муҷаҳҳаз кардаанд ва содироти хидматрасониҳои тиббиро афзоиш додаанд, бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз мегарданд.

Ба таъкиди Президент, ҷорӣ шудани чунин низоми кор дар поликлиникаҳо, беморхонаҳои ноҳиявӣ ва марказҳои ҷумҳуриявӣ фазои рақобатро афзоиш дода, самаранокиро баланд мебардорад. Ин раванд таҷрибаҳои мусбатро ба вуҷуд оварда, мутахассисони арзанда ба таври одилона қадрдонӣ мешаванд.

Ногуфта намонад, ки таваҷҷӯҳи махсуси Сарвари давлат ба масъалаи таҳсилоти олӣ фаро гирифтани ҳамшираҳои шафқат низ басо муҳим аст. Ин иқдом дар Ӯзбекистони Нав як падидаи воқеан нек мебошад.

**Ҳасанхон ҲАЛИМОВ,**
**духтури тоифаи олии беморхонаи марказии ноҳияи Сӯх.**

# ВАҚТ – ГАНҶИ БЕБАҲО

Вақт аз азизтарин неъматҳои ҳаёти инсон аст, он мисли оби равон чун гузашт, дигар барнамегардад. Аз ин ҷост, ки вақтро ганҷи бебаҳо мегӯянд. Оре, ҳар як лаҳзаи умри инсон арзиш дорад, нафаре, ки вақти худро беҳуда намегузаронад, яъне онро барои омӯзиш, меҳнат ва корҳои нек истифода мебарад, дар зиндагӣ доимо муваффақ мегардад.

Вақтро на бо сухан, балки бо кор бояд қадр кард.

Донишмандон, олимон ва адибон ба қадри вақт мерасанд, зеро медонанд, ки ҳар як сонияи он метавонад роҳ ба сӯйи комёбӣ бошад, бинобар ин вақти худро беҳуда намегузаронанд. Мо, ҷавонони толиби илму дониш низ бояд ба қадри вақт бирасем, аз он дуруст истифода бубарем, фурсати худро асосан барои таҳсил, омӯзиш, кумак ба дигарон ва фароғати солим сарф кунем. Агар ҳар як инсон ба қадри вақти худ бирасад, зиндагии на фақат худаш, балки ҷомеаро низ беҳтар месозад.

Биёед қадри ҳар рӯзи умри худро бидонем, онро беҳуда нагузаронем ва аз ҳар сонияи вай баҳра бубарем.

**Зулола НЕГМУРОДОВА,**
**донишҷӯи соли чаҳоруми шуъбаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бухоро.**




*Дар ноҳияи Минбулоқи вилояти Намангон дар доираи лоиҳаи «Макони сабз» чорабинии ниҳолшинонии оммавии «Боғи модарон» баргузор гардид.*

*Дар чорабинӣ ҷонишини ҳокими вилояти Намангон, роҳбари садорати оила ва занону духтарон Динара Якубова, ҷонишини аввали ҳокими ноҳияи Минбулоқ Азизбек Абдусаломов, роҳбари садорати оила ва занону духтарони ноҳия Фарида Эгамбердиева, раиси «Бунёди нуроний» Мақсуда Саидмуродова ва аъзои «Ҷунбиши занони оқила» ва бонувони фаъол иштирок намуданд.*

*Дар ҷараёни ниҳолшинонӣ иштирокдорон бо рӯҳияи хуб барои боз ҳам сабзу хуррам сохтани ҳудуд ҳисса гузоштанд. Онҳо таъкид карданд, дарахте, ки имрӯз шинонда мешавад, барои дар оянда офаридани муҳити солими экологӣ хидмат менамояд.*

***Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Намангон.***

*Гӯшаҳои сайёҳӣ*

# САНГИҶУНБОН – МУЪҶИЗАИ НОДИРИ ОҚТОВ

***Дар кишвари мо маҳаллу манзараҳое, ки бо зебоии беҳамтои худ бинандаро мафтун мекунанд, бисёранд. Табиати деҳаи Сангиҷунбон (дар гуфтугӯйи маҳаллӣ Сангиҷумон)-и ноҳияи Хатирчии вилояти Навоӣ аз ҳамин гуна ҷойҳои зебо ва дилрабост.***



Деҳа бо чашмаҳои худ, ки ба паҳноҳои бекарони доманаи Оқтов пайвастаанд, сангҳои аз якдигар аҷиби кӯҳистон сайёҳонро ба худ ҷалб мекунад.

Сангиҷунбон худ калимаи тоҷикӣ буда, маънои «санги ҷунбон» (санги ҷунбанда, ноустувор)-ро дорад. Деҳа дар доманаи ҷанубии Оқтов мавқеъ дошта, дар болои он санги ҷунбон мавҷуд аст. Номи қишлоқ низ маҳз аз ҳамин гирифта шудааст. Ин санг дар соҳили ҷӯйи Сангиҷунбон ҷойгир аст. Гирдогирди он тақрибан 20 метр, баландияш 6 метр ва вазнаш зиёда аз 280 тонна мебошад. Аммо ҳар кас метавонад онро бе ягон мушкилӣ ҷунбонад. Ҷунбидани ин харсанги бузургро аз хам шудани чӯбҳое, ки ба паҳлӯяш гузошта шудаанд, метавон пай бурд.

– Ҳар сол барои дидани ин санг ба деҳаи мо ҳазорон нафар сайёҳ меояд, – гуфт сокини деҳа Содиқ Зиёдов. – Бино ба маълумоти бостоншиносон, Сангиҷунбон аз унсурҳои магматикии гарму обакӣ, ки 280 миллион сол пеш аз қаъри замин берун омадаанд, ба вуҷуд омадааст. Дар ин мавзеъ сангҳои гуногун бо номҳои ҷолиб бисёранд, ки мувофиқи намуди зоҳирӣ ва шаклашон номгузорӣ шудаанд. Масалан, «санги кобра», «панҷ панҷа», «сари хирс», «санги ҷайра», «санги асо», «санги занбӯруғ». Дар қарибии санги ҷунбон боз як санги дигар ҳаст. Онро «Тешиктош», санги сӯрох меноманд. Ин санг низ диққати меҳмонони хориҷиву маҳаллиро ба худ ҷалб мекунад. Тибқи ривоятҳо, аз сӯрохи ин санг танҳо одамони бегуноҳ гузашта метавонистанд.

Дар паҳлӯи «Тешиктош» дар рӯи санги ҳамвор изҳои бузурги по ба назар мерасанд. Аз рӯйи баъзе ривоятҳо киштии Нуҳ дар баландтарин қуллаи Оқтов – кӯҳи Лангар лангар партофтааст. Дар баъзе ривоятҳо чунин нақл мешавад, ки баъд аз фурӯ рафтани обҳои тӯфон, паёмбар аввалин қадамҳои худро дар ҳамин мавзеъ гузоштааст ва изҳои пойи ӯ боқӣ мондаанд.

Бояд гуфт, ки дар гирду атрофи деҳаи Сангиҷунбон сангҳои нодиру гуногуншакл зиёданд. Тавре дар урфият «шунидан кай бувад монанди дидан» мегӯянд, шумо ҳам метавонед ба ин деҳа сафар карда, санги ҷунбонро боре ҷунбонед ва аз сӯрохи «тешиктош» гузаред.

Бо як сухан, сангиҷунбон на танҳо як мавзеи тамошобоб, балки як осорхонаи зиндаи табиат аст, ки дар он таърихи геологӣ, ривоятҳои мардумӣ ва фарҳанги маҳаллӣ ба ҳам омадаанд.

**А. БӮРИЕВ.**

# ОҚСОИЁНИ ПАСТДАРҒАМ

## АЗ ТАЪРИХИ ДЕҲА

Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳукумати давр бо сабаби норасоии қувваи корӣ дар хоҷагии қишлоқи ноҳияи Пастдарғам, як қисми аҳолии кӯҳистонро кӯчониданд. Аз он ҷумла, мардуми деҳаи Оқсой, ки дар ноҳияи Нурободи ҳозираи вилояти Самарқанд ҷойгир аст, ба поён кӯч бастанд. Баъди заҳмати чандинсола ва обод кардани бисёр мавзеъҳо соли 1953 маҳаллаи Оқсойи дуюм ташкил шуд. Ҳоло аҷдоди оқсоиён дар маҳаллаи Фурқати шаҳраки Ҷумъа истиқомат мекунанд. Аз соли 1954 мактаби 3 солаи ибтидоӣ ба кор оғоз кард, ки филиали мактаби миёнаи рақами 28-ум буд. Дар ташкил кардани ин маскани таълим хидматҳои мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Пастдарғам Ёқуб Юлдошев ва мудири вақти шуъбаи илмии мактаби 28-ум Кӯчқор Ҳайитов беқиёс аст. Роҳбари филиал Ибодулло Мардонов ва Гадоймурод Абдиев, Шермаҳмад Одилов, Хонигул Худоёрова, Фатиҳа Рашидова, Иззат Ҷӯрақулов омӯзгорони аввалини он буданд. Хонандагон аз синфи чаҳорум таҳсилро дар мактаби 28-ум давом медоданд. Соли 1967-ум маскани таълим ба мактаби ҳаштсолаи рақами 64-уми ба номи Ёқуб Юлдошев табдил гардид ва аз соли 1974-ум мактаби миёнаи даҳсола шуд. Синфҳои тоҷикӣ фаъолияти худро аз соли 1975 оғоз карданд. Барои ривоҷу равнақи маскани илму дониш журналист, омӯзгор ва шоири маҳаллӣ Худойназар Назаров саҳми арзанда дорад. Дар замони роҳбари мактаб будани ӯ дар маърифатгоҳ бисёр тағйироти мусбат рух доданд, мутахассисони соҳибихтисос ба воя расиданд. Бо ташаббуси сарвари дурандеш ба ҷойи бинои кӯҳнаи мактаб бинои нави сеқабатаи замонавӣ сохта шуд. То имрӯз аз ҷумлаи фарзандони ин маҳалла ва донишомӯзони маскани маърифат бисёр соҳибони касбу кори гуногун ба воя расида, ба рушди Ватанамон ҳиссаи муносиб мегузоранд. Дар байни онҳо академикҳо, профессорон, олимҳои намоён, нависандаву шоирон, омӯзгорони боистеъдод, шифокорони моҳир, муҳандисон ва афсарон, варзишгарон ҳастанд. Чунончи, толибаи мактаби мазкур Гулдона Каримова чемпиони чаҳоркаратаи Ӯзбекистон ва чемпиони секаратаи Осиё оид ба шоҳмот аст. Рӯзноманигор ва адиба Шаҳзодаи Самарқандӣ ҳам фарзанди ҳамин маҳалла мебошад.

## ҒОЯ

– Гӯё дирӯзакак буд, ки мо мисли ҳамин бачаҳо бо якдигар часпу талош ва шӯхикунон бозӣ мекардам, – гуфт Ӯктам Тӯраев ба ҳамроҳонаш дида дӯхта.

– Ҳа, умр зуд мегузаштааст, – оҳи сабуке кашид Ҷаъфариддин. – Ришу мӯйҳои сарамон чун қуллаҳои кӯҳ сап-сафед шуданд.

*Гуфтам, ки: – Ту, эй умр, чаро зуд бирафтӣ?*
*Гуфто, ки: – Фалонӣ, чӣ кунам, умр ҳамин буд.*
*Гуфтам, ки: – Магар хатти хато бар ту кашиданд?*
*Гуфто: – Ҳама он буд, ки бар лавҳи ҷабин буд.*

– рубоиеро замзама кард Тӯхтамуроди мӯйсафед.

– Офарин муаллим Асадов, шумо омӯзгори забон ва адабиёт-дия, даррав бо шеър ҷавоб медиҳед, – хандомез гуфт Ҷаъфариддин ва илова намуд:

– Ҷӯраҳо, се-чор рӯз боз як ғоя маро ором намегузорад.

– Хӯш, чӣ хел ғоя будааст он, забон нахоида тезтар гап зан, – мароқ зоҳир карданд ҷӯраҳо.

– Медонед, ки бобою бобокалонҳои мо ин гӯшаро обод карданд. Аммо аксари ҷавонони имрӯза аз ин бехабарад. Аз деҳаи мо бисёр инсонҳои бузург ба камол расида, дар соҳаҳои гуногун кору фаъолият бурдаанд. Ман номи чандин нафари онҳоро навиштам, – гуфт Элназар ва аз киса коғаз бароварда ба хондан шурӯъ кард: – Акрам Худойқулов – ин кас дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳсил гирифта, фаъолиятро аз муаллимӣ сар карданд ва дар лавозимҳои директори мактаб, раиси кумитаи иҷроия кор карда, то ба мансаби ҷонишини ҳокими вилоят расиданд. Худойназар Назаров бошад, журналист, муҳаррир, муаллим, директори мактаб, муаллифи чандин китоби шеъру ғазал буданд.

– Равшан Тӯраев дар киностудияи «Тоҷикфилм» фаъолият дошт ва бисёр филмҳои бадеиву ҳуҷҷатӣ офарид, – илова кард муаллим Асадов.

Як нафар духтури машҳур ҳам буданд, – гӯён саросема гапи ҷӯраҳоро бурид Ӯктам Тӯраев. – Бале, Абдулло Ҳамроев – шифокори моҳир, доктори фанҳои тиб буданд.

– Боз Сангин Мирзоев – иштирокчии Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ. Дар озод кардани шаҳрҳои Сталинград, Орёлу Курск, Калининграду Варшава иштирок кардааст. Баъди ҷанг дар идораи корҳои дохилӣ кор карда, то ба рутбаи подполковникӣ расида буд.

– Оре, «ҷӯянда ёбанда аст» мегӯянд дар урфият. Агар мо танбалӣ накарда, боз маҳалларо давр занем, аминам, ки дар бораи фарзандони фарзонаи Оқсойи поён маълумоти муфид ба даст меоварем, – гуфт Элназар.

– Хӯш, пас чӣ? Мо нависанда не, ки китоб нависем, – ҳайратомез пурсид Ҷаъфариддин.

– Ҳеч кас туро китоб навис, нагуфтааст, – шӯхиомез ҷавоб дод Элназар. – Мо сурат ва тарҷумаи ҳоли фарзандони шоистаи деҳаро ҷамъ карда, бо номи «Оқсоиён» мусаввада-албоми калон мебарорем. Нависанда ҳам ёфт мешавад. Муаллимаи фанҳои забон ва адабиёти тоҷик Мижгон Хоҷаева ба мо кӯмак мерасонад.

– Э, қоил Элназар, ҳамааша пухта кардаӣ. Ҳамин чиз ба каллаи мо наомадааст, – хандакунон ба китфи ҷӯрааш таптап зада гуфт Тӯхтамурод.

## БУЗУРГОНРО БУЗУРГОН ЗИНДА МЕДОРАНД

Саҳнаи мактаби таълими умумии рақами 19-уми ноҳияи Пастдарғам он рӯз шукӯҳи идона дошт. Омӯзгорони собиқадор, фаъолони маҳалла, вакилони ташкилоти гуногун, падару модарон, устодон ва донишомӯзони мактаб дар толор ҷамъ омаданд. Дар оғози ҷамъомад гимни давлатамон танинандоз гардид. Садри чорабинӣ Мижгон Хоҷаева ҳозиронро хайра мақдам гуфта, аз таърихи Оқсой ва мактаб маълумоти муфассал дод.

Сипас, директори мактаб Анвар Мардонов аз ҷумла барои тақдимоти мусаввадаҳои зебову муҷаллои якуму дуюм ба ташаббускорон аз номи ҷамоаи мактаб миннатдорӣ изҳор кард.

– Бино бар қарори ЮНЕСКО соли равон 700-солагии шоири машҳури мо Хоҷа Ҳофиз дар тамоми ҷаҳон қайд мегардад. Мо ҳам моҳи ноябрро дар мактабамон «Моҳи Хофизхонӣ» эълон кардем, – гуфт сарвари маърифатгоҳ.

Баъди ин ба саҳна ғазалхонон Хоҷа Ҳофиз баромад:

*Дил меравад зи дастам,*
*соҳибдилон Худоро,*
*Дардо, ки рози пинҳон хоҳад*
*шуд ошкоро.*
*Дурӯза меҳри гардун афсона асту*
*афсун,*
*Некӣ, ба ҷойи ёрон фурсат шумор,*
*ёро...*

Нақши Ҳофизро донишомӯзи мактаб Шероз Ӯктамов бо маҳорат иҷро намуд. Баъд хонандагони синфи 10 «Б» Таҳмина Муродова, Ганҷина Муродова, Зарина Қароева, Мижгона Абдурасулова дар бораи роҳи ҳаёту эҷодиёти Ҳофизи Лисонулғайб ва дар бораи 33 нафар фарзандони номдори ин диёр, ки дар албом зикр шудаанд, маълумот доданд. Толибилмони синфи 8 «Б» ғазалҳои Хоҷаро бо маҳорат қироат карданд. Ҳама бо мароқ гӯш мекарданд, ҳатто хонандагони нишаста ҳам ба иштирокдорони саҳна бо шавқу кайфияти болида ҳамовоз мешуданд. Нақшҳои иҷрокардаи Хидирназар Элназаров ва Шомурод Муродов писанди аҳли нишаст гардиданд. Духтараконии зебои синфҳои ибтидоӣ Саидабону ва Марворид Элназароваҳо шеърҳои устод Худойназари Оқсоиро бо лафзи ширини худ хонда , сипас дар зери садои савту суруд ва кафкӯбии ҳозирон бо рақси зебояшон ба чорабинӣ шукӯҳи хоса бахшиданд. Дар идомаи чорабинӣ барномаи консертӣ низ намоиш дода шуд. Омӯзгорони соҳибистеъдод Насриддин Набиев ва Назрулло Латифов аз ғазалҳои Хоҷа Ҳофиз ва устод Лоиқ сурудҳо иҷро карданд.

Дар охири тадбир омӯзгорони собиқадор Тӯхтамурод Асадов, Насриддин Набиев, Файзулло Нарзуллоев ва Элназар Хидиров дар бораи моҳият ва маданияти китобхонӣ ҳарф заданд.

Бешубҳа, ташкили чунин чорабиниҳо манфиатбахш буда, дар ҷавонон ҳисси эҳтиром ба мероси фарҳангӣ, адабӣ, таърихӣ, забон ва адабиётро бедор мекунад.

**Комил ҶӮРАЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

*Ба ҷойи табрик*

# ПИРИ КОР



Қаҳрамони лавҳаи мо Тоирбобо Раҳматов аз зумраи шахсонест, ки бо меҳнати фидокоронаву ватанпарваронаи худ соҳиби ҳурмату эҳтиром шудааст.

Ӯ соли 1967 мактаби миёнаи рақами 15-уми шаҳри Самарқандро хатм намуд. Хидмати ҳарбиро дар Муғулистон адо кард. Сипас чун ба табиат меҳру муҳаббат дошт, ҳуҷҷатҳои худро ба факултаи ҷуғрофиёи Донишгоҳи давлатии Самарқанд супурд ва донишҷӯ шуд. Солҳои таҳсил дар корҳои ободонӣ, ҳашари умумихалқӣ фаъол буд. Шояд аз ҳамин сабаб ӯро ҳамчун ёвари мудири шуъбаи корҳои хоҷагӣ ба кор гирифтанд. Беш аз 50 сол аст, ки дар як ҷо, дар як вазифаи пурмасъул – таъминоти донишгоҳ бо асбобҳои аёнӣ, таъмиру тармими хушсифати долону дарсхонаҳо, тоза ва озода нигоҳ доштани иншооти гуногуни таълимгоҳ машғул аст.

– Ҳар инсоне, ки меҳнат карда, аз айёми бачагӣ ба ивази арақи ҷабин як бурда нони ҳалол меёбад, бешубҳа, ба эҳтиром соҳиб мегардад, – мегӯяд ректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд, доктори улуми техникӣ, сенатори Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Рустам Холмуродов. – Корманди мо Тоир Раҳматов аз зумраи чунин шахсони соҳибэҳтиром мебошад ва ҳамчун пири кор ном баровардааст. Ӯ ҳарчанд вазифаи баланд надорад, чун одами соҳибтаҷриба дар ҳаллу фасли масъалаҳои ҳалталаби иҷтимоии донишгоҳи мо маслиҳат медиҳад. Барои хидматҳои шоистааш бо мукофотҳо ва Ифтихорномаи ҳокимияти вилоят, медали сарисинагии «Меҳнат фахрийси» сарфароз шудааст.

Номбурда дар маҳаллаи Дари занҷири шаҳри Самарқанд, ҳамчун маслиҳатчии раиси маҳалла барои ободу зебо ва дар рӯҳи замона камхарҷу ихчам гузаронидани тӯй ва дигар маъракаҳо саҳми арзанда мегузорад. Хосатан ба оилаҳои камбизоату мӯҳтоҷ кумаку ёрии беғаразона мерасонад. Кӯшиш мекунад, ки оилаҳои ҷавон вайрон нашаванд, ҷавонон ба роҳи бад нараванд, соҳиби илму дониш ва ҳунар гарданд.

Аз ҳама муҳимаш вай падари бузургу бобоҷони дуогӯй буда, бо ҳамсари меҳрубону ғамхораш-Муборакхола фарзандону наберагонро мувофиқи талаби давру замон таълиму тарбия медиҳад.

– Қиблагоҳ ифтихори сулолаи Раҳматовҳо ҳастанд, – мегӯяд писараш Ҷаҳонгир. – Мо, писарон аз ҳамгузарҳо, шиносу бегонаҳо нисбати падарамон бисёр суханони хушу гуворо шунидаем.

22-юми ноябри соли равон хешу пайвандон, ёру дӯстон, ҳамкорону ҳамдилон 75-солагии инсони хоксору росткор, дилёбу дарёдил Тоирбобо Раҳматовро ҷашн мегиранд.

Мо низ аз фурсат истифода бурда, соҳибҷашнро самимона табрик гуфта, ба ӯ тамоми хушиҳои зиндагиро таманно дорем.

**Исмоил РАҲМОНОВ,**
**проректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд оид ба корҳои молия ва иқтисод.**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# «...КИ ИН БАХТИ ХУДОДОДАТ МУБОРАК»



Моҳи ноябри соли 1965 дар оилаи сокини деҳаи Навободи ноҳияи Деҳқонобод – Элмуроди омӯзгор писари сеюм ба дунё омад. Садои гиряи ӯ дар деҳа танин меандохту дар лабони аҳли деҳа гули табассум мешукуфт.

Мардуми мо, ҳангоми ба фарзандон ном гузоштан, номеро интихоб менамоянд, ки зебову пурмаънӣ бошад. Пири деҳа ба писари сеюми амаки Элмурод номи Неъматро, ки вожаи арабӣ буда, дар фарҳангҳо ба се маънӣ: 1. ризқу рӯзӣ. 2. бахшоиш, каромат, лутф, эҳсон. 3. осоиш, фароғат, осудаҳолӣ... омадааст, сазовор донист. Гуфт: «Бигузор, ин се маънӣ дар номи навзод таҷассум ёфта бошад».

Бояд ёдрас намоем, ки солҳои охир сатҳи худшиносии тоҷикон дар мавриди номгузорӣ ба фарзандон як андак боло рафтааст. Ба фарзандон номҳоеро интихоб менамоянд, ки зебову хушоҳанг ва сирф тоҷикианд. Инро мо вақте ба сари номҳое, ки Неъмат ба фарзандони худ гузоштааст, меоем, рӯшан дарк мекунем...

Вақте Неъмат ҳафтсола шуд, шодии падару модар интиҳо надошт. Охир, ӯ низ мисли бародаронаш Шомаҳмад ва Менглинор по ба остонаи мактаб хоҳад гузошт.

Амаки Элмурод ба таълиму тарбияи писари сеюм низ рӯйи эътибор гардонд. Саъй бинмуд, ки асосҳои фанро аз худ намояд, фазилатҳои инсонӣ дар ӯ таҷассум ёфта бошанд.

Неъмат ҳанӯз овони мактабхонӣ орзу мекард, ки мисли падараш омӯзгор бошад. Ахлоқи ҳамида, дониши фароҳ ва шиму костюми утузадаи падар барояш ҳавасангез буд. Ин орзу, ӯро баъди хатми мактаби таълими ҳамагонӣ, ба даргоҳи факултаи забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон овард. Ба қавле, бахт ба рӯяш хандиду донишҷӯ гардид...

– Дар тӯли таҳсил дар донишгоҳ аз омӯзгорони зиёде таълим гирифтам, – мегӯяд Неъмат китоби хотираҳояшро варақ зада. – Сабақҳои устодон Воҳид Аҳрорӣ, Иброҳим Усмонов, Асадулло Саъдулоев, Пайванди Гулмурод ва дигаронро ҳеҷ фаромӯш намекунам. Онҳо ба мо асрори рӯзноманигорӣ омӯхтанд. Овони донишҷӯйӣ хабару мақолаҳои мо зери таҳрири устодони зиндаёд дар рӯзномаву маҷаллаҳои «Пионери Тоҷикистон», «Машъал», «Коммунист Таджикистана», «Комсомолец Таджикистана» рӯйи чопро медиданд. Ду соли хидмат дар сафи артиш бароям дарси зиндагӣ буд, ҷаҳон дидам, забон омӯхтам...

Неъмат, баъди хатми донишгоҳ, бино ба даъвати роҳбарияти ноҳияи Деҳқонобод дар рӯзномаи «Деҳқонобод овози» ба кор шурӯъ кард. Бо саъю талошҳои ӯ саҳифаҳои тоҷикии рӯзнома пуробурангтар гардиданд, теъдоди муштариён ва мухбирони ҷамъиятӣ зиёд шуд. Дар ин фосила Неъмат Эшқувватов бо рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳоло «Овози тоҷик») низ ҳамкориро ба роҳ монд. Хабару мақолаҳояш дар саҳифаҳои ин рӯзнома акси садо пайдо карданд. Ӯ дар тӯли солҳои масъули саҳифаи тоҷикии рӯзномаи «Деҳқонобод овози» будан, бисёр ҷавонони эҷодкорро кашф намуд.

Дертар, Неъматро (1990) бо назардошти фаъолияти эҷодиаш маъмурияти рӯзномаи ҷумҳуриявии «Ҳақиқати Ӯзбекистон» мухбири махсуси худ дар вилоятҳои Қашқадарёю Сурхондарё таъин намуд.

– Он солҳо, – гуфт мусоҳибам, – дар вилоятҳо таъсири рӯзномаҳо ба ҳаёти ҷамъиятӣ эҳсосшаванда буд. Матолиби танқидии дар матбуот чопшуда мавриди муҳокима қарор мегирифт, нуқсонҳо сари вақт бартараф карда мешуданд...

Соли 1990 доир ба хоҷагии навташкили «Тоҷикистон» дар саҳрои Қаршӣ мақолаи танқидии камина дар рӯзнома чоп шуд. Одамон дар хандақу шипангҳо ба сар мебурданд. Шароит сангин...

Мақола дар маҷлиси ҳукумат филфавр мавриди муҳокима қарор гирифту шаҳраки нав дар оғӯши саҳро қомат рост кард...

Роҳи тайкардаи ходимони рӯзномаи «Овози тоҷик», устодони зиндаёд Шавкат Ниёзов, Муҳсин Умарзода, Авнер Исҳоқбоев, Тоҳир Олимбоев, Ҷонибек Қувноқ, Юсуфалӣ Мирзоев, Эҳсон Турдиқулов ва дар қайди ҳаёт будагон: Муайяна Хоҷаева, Маъруф Отахонзода, Каримҷон Муҳиддинов, Истад Қосимзода, Бекназар Тӯйназаров, Паймон, Матлуба Шоалиева, Тоҷибой Икромов, Шерпӯлод Вакилов бароям дарси ибрат буду ҳаст.

Дертар бо тақозои шароити зиндагӣ Неъмат дар рӯзномаи ноҳиявии «Деқонобод овози» ба сифати мудири бахши тоҷикӣ ба кор пардохт. Вале ҳамкориро бо рӯзномаи «Овози тоҷик» идома дод. Хабару мақола, гузориш ва лавҳаю очеркҳояш аз ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии вилояти Қашқадарё муттасил чоп мешуданд.

Соли 1999 ӯ роҳбари бахши назорат ва андозаҳои таълими давлатии шуъбаи таълими халқи ноҳияи Баҳористони вилояти Қашқадарё таъин гардид. Солҳои 2003-2006 мутахассиси пешбари бахши стандартҳои таълими давлатии ноҳияи Миришкор буд. Бо назардошти донишу малака ва қобилият соли 2006 шуъбаи таълими ноҳияи мазкур ӯро директори мактаби рақами 18-ум таъин намуд. Дар як вақт аз забон ва адабиёти тоҷик ба насли ҷавон дарс гуфт.

Дар тӯли солҳои роҳбарии ӯ мактаб бо таҷҳизоти замонавии таълим ҷиҳозонида шуд, хонандагон дар зинаҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявии озмуну олимпиадаҳои фаннӣ ҷойҳои намоёнро ишғол намуданд.

Ба сифати омӯзгори забон ва адабиёт ӯ амиқ дарк намуд, ки забон калиди дари ҳамаи фанҳост.

– Шоире барҳақ фармудааст:

*То ҳарф занад ба тоҷикӣ*
*тифли шумо,*
*Дунёи варо тоҷикӣ бунёд кунед...*

– гуфт ӯ ба идомаи суханаш. – Овони мактабхонии мо дар мактабҳо ҳамаи шиору деворовезаҳо ба забонҳои миллӣ буданд. Пештоқи толору роҳрави мактабҳои таълими ҳамагониро байтҳои панду ҳикматомези шоирони классики форс-тоҷик оро медоданд. Оре, барои аз худ намудани асоси фанҳо дунёи насли наврасро бояд тоҷикӣ бунёд кард...

Неъмат дар тӯли фаъолият дар мактаб ба сифати таълим ва забони шиору овезаҳо эътибори ҷиддӣ дод. Дар маҷлисҳо аз омӯзгорони фанҳо талаб мекард, ки дар доираи забони адабӣ дарс гӯянд. Зеро, бино ба фикри ӯ, ба забони адабӣ дарс додани онҳо сатҳи забондонии насли ҷавонро боло мебардошт. Сатҳи забондонии насли ҷавон ҳар қадар боло равад, асоси фанҳоро ба он андоза амиқ дарк менамояд. Охир матлаб дар ҳамаи фанҳо тавассути забон баён карда мешавад...

Даргузашти падар барои Неъмат ва пайвандонаш дарднок буд. Имрӯзҳо модари 90-солааш – холаи Зумрад дуогӯйи фарзандону пайвандонанд.

Дар боло ёдрас намудем, ки Неъмат ва ҳамсари вафодори ӯ Холбибӣ ба ду писар ва духтари худ номҳои зебо ва пурмаънои тоҷикиро интихоб намудаанд. Писари калонӣ Ҷамшед, хурдӣ Самандар ва духтарашон Нигина ном дорад. Баҳ-баҳ, чӣ номҳои зебо, хушоҳанг ва пурмаъно!

Номҳои арабию туркӣ ба мисли Абдуллоҳ, Муҳаммад, Қутбиддин, Муҳриддин, Камолиддин, Ҳоҷӣ, Эшқувват, Ортиқ, Болтабой, Ойсулу, Қирғизбойу Қазоқбой номҳоеанд, ки дар тӯли қарнҳо ҳисори номгузории тоҷикиро «рахна» кардаанд. Онҳо метавонистанд яке аз ин номҳоро интихоб намоянд. Вале ин корро накарданд. Шояд бо ба фарзандон додани номи Рустаму Хиромон онҳоро ҷаҳонпаҳлавону хиромон насозад. Вале ҳоло замони ба асолати худ баргаштан ва рӯйи эътибор гардондан ба номгузории миллӣ фаро расидааст... Инҷониб бар онам, ки ақвоми дунё, аз ҷумла тоҷикон, сарфи назар аз он, ки дар кадом гӯшаи замин умр ба сар мебаранд, бояд дар байни қавмҳои дигар гум нашаванд, асолат ва ҳуввияти худро нигоҳ доранд.

Фарзандони бобои Неъмату холаи Холбибӣ дар ҷабҳаҳои гуногун кор мекунанд. Рӯзҳои истироҳат хонаашон аз садои наберахо пур мешавад. Садои онҳо ба дили ҳар ду як ҷаҳон сурур мебахшад, ки муҷиби шукргузориҳост.

Ногуфта намонад, Неъмат имрӯзҳо дар ҳалқаи пайвандон 60-умин солгарди зодрӯзи худро ҷашн мегирад. Ба ин муносибат кормандони рӯзномаи «Овози тоҷик» низ ходими собиқи худро самимона табрик мегӯянд:

*Муборак, рӯзи милодат муборак,*
*Ба дасти доя фарёдат муборак.*
*На ҳар кас зода шуд аз*
*модари хеш,*
*Ки ин бахти худододат муборак.*

**А. СУБҲОНОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ПЛАТФОРМАИ МУҲИМ ДАР ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ ИЛМӢ

Дар Донишгоҳи давлатии Навоӣ Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Методологияи таълими ибтидоӣ: муаммо, тадқиқот ва роҳҳои ҳалли онҳо» баргузор гардид.

Чорабинӣ бо ташаббуси вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсия ва факултети таълими томактабӣ ва ибтидоии донишгоҳ гузаронида шуд.

Дар ҷараёни анҷуман масъалаҳои калидӣ ва равандҳои муосир дар соҳаи таълими ибтидоӣ, инчунин натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ва механизмҳои татбиқи ҳалли амалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Иштирокдорон доир ба такмили мӯҳтавои раванди таълим, ҷорӣ намудани методикаҳои инноватсионӣ ва густариши ҳамкорӣ дар самти мубодилаи таҷрибаҳо мубоҳисаҳои судманд анҷом доданд.

Ин чорабинӣ ҳамчун платформаи муҳим барои рушди фикри илмӣ, пешниҳоди назарияҳои нав ва коркарди ҳалли муассиру илмӣ-таҳлилӣ дар соҳаи таълими ибтидоӣ хидмат мекунад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

*Акси садо*

# АЗ АНДОЗА БАРТАР МАНЕҲ ПОЙИ ХЕШ...

*Хонаи обод хоҳӣ, сарфа кун,*
*Рӯзгори шод хоҳӣ, сарфа кун.*
***(Гурез САФАР)***

Табиист, ки ташкили оилаи навро бе тӯю хурсандӣ, бе суруду мусиқӣ, бе иштироки хешу ақрабо ва меҳмонии ёру дӯстон тасаввур карда намешавад. Аммо баъзан тӯй на фақат ба базми хурсандӣ, балки ба маъракаи пурташвиш табдил меёбад. Исрофкориҳои нодаркору беҷо, ки аз ин хусус дар мамлакат бисёр мегӯянд, вале барои пешгирии он иқдоми ҷидди нест, гоҳо соҳибтӯёнро ба баҳри қарз ғӯтавар месозанд ва солҳо сарф мешаванд то аз ин варта халос шаванд.

Пас аз мутолиаи мақолаи Муаттар Абдуева «Тӯйи якрӯза боиси ғавғои садрӯза нашавад!» («Овози тоҷик», 5 ноябри соли 2025) хостам чанд андешаи худро баён намоям.

Барои баъзе оилаҳо, ки даромади муфт доранд, тӯй ба як навъ воситаи худнамоию намоиши сарватмандиву дороӣ табдил ёфтааст.

Одатан волидайни домод ба фарзандашон анҷоми рӯзгор харида, хонаи ӯро ба қабули арӯс омода месозанд. Баъзан мешавад, ки ба анҷоми арӯс дар ҳуҷра ҷой намемонад.

Чизи дигаре, ки ҷониби домодро ба ташвиш меорад, фармоиши (бори) тӯёна мебошад. Ин бор гову гӯсфанд, орду биринҷ, равғану қанддалот, меваю нӯшокӣ ва либосвории арӯсро дар бар мегирад. Барои арӯс ба миқдоре либос фармуда мешавад, ки гумон мекунӣ то охири умр маҳз онҳоро мепӯшида бошад. Аз ин сабаб оилаҳое, ки фарзанди зиёд доранд, маҷбуранд солҳои дароз аз ризқи фарзандони худ зада, барои тӯй пул захира кунанд. Хуб мешуд, ки волидайни арӯс пеш аз фармудани бори тӯй дар бораи ҳаёти ояндаи фарзанди худ андешанд.

Одати зарароварии дигар, ки ҳанӯз дар тӯйҳои миллӣ ҷой доранд, либоспӯшонӣ аст. Ҳам ҷониби домод ва ҳам тарафи арӯс бо қонуни нонавишта вазифадоранд ба қудо ва хешу табори онҳо либос пӯшонанд. Ғайр аз ин ба меҳмонҳое, ки бо туҳфае ба тӯй меоянд, бояд либос пӯшонда шавад. Хуб мешуд бо сарварии ҷамоати шаҳрвандони маҳалла бо маслиҳати аҳолӣ аз ин одат даст кашанд.

Маросими пурхарҷи дигаре, ки солҳои охир авҷ гарифтааст, ин баъди аз қайди никоҳ гузаштани навхонадорон ҳатман ташкил кардани зиёфат дар тарабхона мебошад. Дар он ҷавонписарону духтароне иштирок менамоянд, ки дар маросими қайди никоҳ ҳузур доштанд. Шумораи онҳо вақтҳои охир ба 30-40 нафар расида, маблағи зиёде харҷ мегардад.

Ғайр аз ин, дар арӯсӣ домод ҳамроҳи рафиқонаш мошинҳоро омода мекунад. Гоҳе кироям чандин мошини сабукрав боиси зарари бузурги молиявии соҳибтӯйҳо мегардад ва бар илова хавфи садама зимни ҳаракат ба вуҷуд меояд.

Афсӯс, ки дигарон ба онҳо тақлид мекунанд, ки аз хирад нест. Тавре Шайх Саъдии Шерозӣ фармудааст:

*Аз андоза бартар манеҳ*
*пойи хеш,*
*Хирадро нигаҳ дор дар ҷойи хеш.*

Оре, ҳар кор, аз ҷумла тӯй андоза дорад, сарфу хароҷоти беҳударо дар ягон замон тавсиф накардаанд.

**Собир ЭРГАШЕВ,**
**омӯзгори собиқадор аз ноҳияи Фориш.**



*Дар маҳаллаи Янги Ҷилвони ноҳияи Шофиркони вилояти Бухоро бинои ташкилоти таълими томактабӣ, ки замонавӣ ва молик ба ҳама қулайиҳост, ба истифода супурда шуд.*

*Муассиса дорои 90 ҷой буда, барои сохтмони он наздик 4 миллиард сӯм маблағ сарф ва инфрасохторе пурра ташаккул дода шуд, ки ба талаботи замон ҷавобгӯст.*

*Дар маросими ифтитоҳи бино ба хурдтаракон китобҳои бадеии ба синну солашон мувофиқ ва адабиётҳои фикри онҳоро ривоҷдиҳанда туҳфа карда шуд.*

*Ҳамчунин, мувофиқи анъана, дар ҳудуди ҷамоаи шаҳрвандӣ дар асоси лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» ниҳолҳо шинонда шуданд.*

***Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Бухоро.***

# ВАЗИФАҲО МУАЙЯН ГАРДИДАНД

***Истифодаи оқилона ва сарфакоронаи захираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ – омили ҳалкунанда дар таъмини амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳамин замина, роҳбари давлат соли равон ба баланд бардоштани самаранокии кори насосҳо рӯйи эътибор гардонда, вазифаҳои афзалиятноки рушди хоҷагии обро муайян намуд.***

Ба мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолият дар ин самт, дар ноҳияи Музработ семинари амалие баргузор шуд, ки ба модернизатсияи шабакаҳои обёрӣ ва татбиқи технологияҳои обсарфакунанда бахшида шуд.

Дар чорабинӣ таҳти роҳбарии ҳокими вилояти Сурхондарё Улуғбек Қосимов вазифаҳои асосие, ки дар мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2025–2026 амалӣ карда мешаванд, мавриди муҳокима қарор гирифт. Аз ҷумла, бетон кардани соҳили каналҳои марбут ба муассисаҳои давлатӣ, ҷӯйборҳои дохилии кластерҳо ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, гузаронидани геомембрана ба каналҳо ва ҷӯйборҳо, инчунин марҳила ба марҳила тоза намудани шабакаҳои байнихоҷагӣ ва дохилии обёрӣ вазифагузорӣ гардид.

Роҳбари вилоят ба масъулон супориш дод, ки барои ҳар минтақа муҳлат ва ҳаҷмҳои дақиқи кор ва сифати онро муқаррар намоянд.

**Сурайё НОРМАНӢ,**
*вилояти СУРХОНДАРЁ.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компютерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 3684. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337; Котибот +998555200336. Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.